# Ҷашни Сада бозгӯи ёдгори қадимӣ ва таърихии халқи тоҷик

**Эҳёву таҷлили ҷашни Сада ҳамчун рамзи истиқболи фасли нуру гармӣ, некиву саховатмандӣ, сарҷамъӣ ва ваҳдати кулли шаҳрвандон дар густариши корҳои ободониву созандагӣ ва хуррамиву пешрафти Тоҷикистони азизамон нақши муассир гузошта, дар оғози сол чун паёмовари Наврӯзи оламафрӯз ба зиндагии мардуми шарифи Тоҷикистон муждаи хуррамиву хушбахтӣ меоварад.**

**Э.Раҳмон**

Чуноне, ки мардуми шарифу тамаддунпарвари тоҷику тоҷикистониён иттилоъ доранд, санаи 4-уми декабри соли 2023 дар Касане, Ҷумҳурии Ботсвана иҷлосияи 18-уми Кумитаи байниҳукуматӣ оид ба ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддии ЮНЕСКО ба кори худ шуруъ намуд. Чорабинии мазкур то 9 декабри соли 2023 идома ёфта, намояндагони кишварҳои узви Конвенсия оид ба ҳифзи ёдгориҳои мероси фарҳангии ғайримоддӣ иштирок доштанд. Боиси хушнудӣ ва сарфарозии тоҷикони ҷаҳон аст, ки санаи 6-уми декабри соли 2023 зимни иҷлосияи 18-уми Кумитаи байниҳукуматӣ оид ба ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддии ЮНЕСКО номинаи муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон «Ҷашни Сада» ба Феҳристи мероси ғайримоддии башарият ворид гардид[9].

Мусаллам аст, ки шинохти таърихи бостонӣ, ифтихор аз фарҳангу тамаддуни чандинҳазорсолаи халқамон, эҳёи беҳтарин расму ойинҳои гузашта дар шароити торафт вусъат гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ худогоҳии таърихӣ ва ҳувияти миллии моро мукаммалу устувор менамояд[3].

Эҳёи ҷашни Сада шаҳодати он аст, ки мардуми фарҳангсолори тоҷик расму анъанаҳо, ойинҳо, малакаву маҳорат ва таҷрибаҳои бою ғании аҷдодони хешро, ки аз гузашти чандин қарнҳо дарак медиҳад, гиромӣ дошта, арзишҳои волои ин анъанаву ойинҳои миллиро ба наслҳои имрӯзаву оянда, ҳам дар шакли хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ ба мерос мегузорад. Табиист, ки ҷашни Садаро дар даҳумин рӯзи моҳи баҳман (баробари 29-30-юми январ) баргузор мекарданд, ки аз зимистон сад рӯз (обон, озар, дай ва даҳ рӯзи баҳман)

мегузашт. Ба ақидаи ориёиҳои қадим сармо ба авҷи баланди худ мерасид ва баъдан ҳаво тадриҷан ба самти беҳбудӣ, нармӣ ва гармӣ мерафт. Аз ин рӯ, барои он ки ба кишту кори онҳо зараре нарасад ва чорвоҳояшон аз сардӣ эмин монанд, оташро ҳамчун рамзи Ҳурмузд меафрӯхтанд, то дар он қувваҳои бадӣ сӯзанду нобуд гарданд.

Биҳиштам биёмад зи оташкада,
Чу наздик шуд рӯзгори Сада.

Бе иштибоҳ метавон гуфт, ки эҳёву ба насли ҷавону оянда муаррифӣ намудани арзишҳои волои маънавии миллати тоҷик, арҷгузорӣ ба он дар шароити имрӯзаи ҷаҳони пуртазод ва бархурдҳои манфиатҳои геополитикӣ, низоъҳои минтақавӣ, паҳншавии бемориҳои сироятӣ, тағйирёбии иқлим, шиддат гирифтани рақобат, талоши кишварҳои минтақа ва ҷаҳон барои нуфузи хеш дар ҷаҳон беҳтарин василаи худогоҳиву худшиносии миллӣ мегардад. Бешубҳа, эҳё ва дар амал татбиқ намудани расму ойинҳои гузаштагони соҳибхирадамон сатҳи ҷаҳонбинӣ, маърифатнокӣ, инсондӯстӣ, фазилат ва ҳуввияти миллиамонро устувору пойбарҷо мегардонад.

Омад, ай сайиди аҳрор, шаби ҷашни Сада,
Шаби ҷашни Садаро ҳурмат бисёр бувад.

Зикр намудан ба маврид аст, ки бидуни худогоҳӣ ва худшиносӣ дар шароити пурталотуми ҷаҳонишавӣ ва хурӯҷи неруҳои харобиовар ҳифзи асолат, ҳуввият ва сирати миллӣ ниҳоят мушкил хоҳад гардид. Бинобар ин, зарур аст, ки дар зеҳну шуури афроди ҷомеа сатҳи мувофиқ ва муассири масъулияти иҷтимоӣ тарбия карда шавад, то ҳар фард дар назди Ватан ва сарнавишти он, ҳифзи арзишҳои милливу фарҳангӣ масъулияти хоса эҳсос намуда, барои иҷрои қарзи ватандӯстии худ ҳамеша омода бошад. Бояд гуфт, ки ҳадаф аз эҳёву дар ҳаёт татбиқ намудани расму анъана, ойинҳои ба мардуми тоҷик хос ва баргузории ин ҷашнҳо дар сатҳҳои гуногун омили асосии пешгирикунандаи ҳама гуна таҷовуз, ихтилоф, фитна ва хурофоту тақлид метавон гардад[2].

Равшанӣ дар осмон з-ин оташи ҷашни Сада-ст,
К-аз сари хоҷа бо гардун ҳаме ҳамсар шавад.

Барои мардуми фарҳангдӯсту хештаншинос ҳамчунин ташаббуси Пешвои миллат дар хусуси таъсиси Агентии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ низ ҳодисаи хотирмон боқӣ мемонад. Ба ҳамагон маълум аст, ки Пешвои миллат ҳомии фарҳанги миллӣ будани худро борҳо бо ташаббусҳои созандаашон исбот намуда буданд. Ташаббуси навбатӣ бори дигар ба меҳру муҳаббати беандозаи Пешвои миллат дар нисбати фарҳанги миллӣ далолат намуда, аҳли зиё ва фарҳангдӯсти кишварро нерӯи тоза ва илҳоми муассир бахшиданд ва бешак барои эҷодкориҳои навбатӣ ҳидоят менамоянд[1].

Дар воқеъ, ойинҳои бостонии миллиамонро, ки ҳар сол ҷашн мегирем, барои мардуми мо азизу муътабар мебошанд. Мо бояд бо қалбҳои саршор аз меҳр ҳофизаи таърихии худро варақгардонӣ намоем ва роҳи пурпечу фарози тайнамудаи ниёгонамонро пеши назар орем, то ки аз бурду бохти таърихи хеш сабақ омӯзем. Мо тарғиби суннату анъанаҳо ва арзишҳои волои таъриху фарҳанги миллатамонро танҳо бо мақсади парваридани эҳсоси худшиносӣ дар қалбҳои мардуми худ ва наслҳои оянда ба роҳ мондаем. Тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ваҳдат, худшиносии миллӣ ва ватандӯстӣ дар шароити имрӯза аҳамияти беш аз пеш касб менамояд. Ин амр аз тамоми ҷомеа, алалхусус аз аҳли зиё, тақозо дорад, ки моҳияти ваҳдату якдилӣ, ватану ватандорӣ ва ифтихору худшиносии миллиро ба ҷавонон ташвиқ намоянд, зеро дур шудан аз асли хеш маҳву заволи миллат аст.Аслан афрӯхтани шуълаи ифтихори миллӣ, парвариши эҳсоси худшиносиву ватандӯстӣ ва дигар фазилатҳои неки инсонӣ аз синни кӯдакӣ дар оила ва таҳсил дар мактаб оғоз меёбанд[8].

Ин аст, ки ҳифзи мероси фарҳанги моддиву ғайримоддии миллати бостониамон, ки гувоҳи зиндаи таърихи шашҳазорсолаи халқамон мебошад, вазифаи муҳимтарини мо-ворисони ин мероси бузург ба ҳисоб меравад. Эҳёи арзишҳои миллӣ ва ҳифзу тарғиби ёдгориҳои таърихиву

фарҳангӣ барои баланд бардоштани рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ ва худогоҳиву хештаншиносии мардум, хусусан, наврасону ҷавонон бисёр муҳим мебошад. Ба шарофати соҳибихтиёрӣ мо арзишҳои бостонӣ ва расму ойинҳои неки миллиамонро эҳё карда, онҳоро ба хотири баланд бардоштани худогоҳиву худшиносии ҳамватанонамон ва муаррифии шоистаи халқи куҳанбунёдамон дар арсаи ҷаҳон рушд дода истодаем, ки «Шашмақом», «Фалак», Наврӯз, Тиргон, Меҳргон ва Сада аз ҷумлаи онҳо мебошад[6].

Дар ҳамин замина ёдовар шудан ба маврид аст, ки Паёмҳои ҳарсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи моро водор месозад, ки “... дар шароити ниҳоят ҳассос ва ноорому пуртаҳаввули ҷаҳони имрӯза ва афзоиши таҳдиду хатарҳои муосир ба истиқлолу озодӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти ҷомеаи башарӣ беш аз ҳар вақти дигар босабру таҳаммул ва муттаҳиду сарҷамъ бошем, тамоми саъю талоши худро ба хотири ҳимояи арзишҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлату миллат, ободии Ватани азизамон ва рушди кишвари соҳибихтиёрамон равона созем. Ман ба мардуми азизи кишвар муроҷиат карда, ҳар яки онҳоро даъват менамоям, ки биёед, табиати Тоҷикистони биҳиштосоямонро ба гулистон табдил диҳем, ободӣ ва тозагиву озодагиро аз ҳар хонаву кошона сар карда, то деҳоти дурдасттарин вусъат бахшем, тамоми қаламрави Ватанамонро хуррамю сарсабз гардонем ва соҳиби фарҳангу тамаддуни бостонӣ будани худро ба ҷаҳониён собит намоем. Ман ба ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси гарми ватандӯстӣ, нияти неку азми қатъӣ ва саъю талоши созандаи мардуми шарафманди Тоҷикистон эътимоди комил дорам”[7].

Коршиноси масоили иҷтимоӣ ва ҳуқуқ Э.Насриддинзода дар мақолаи худ Паёми имсолаи сарвари давлатро Паёми таҳкимбахши ҷомеа номида, аз ҷумла меафзояд, ки рушди соҳаҳои иҷтимоӣ дар меҳвари Паёми Президенти Тоҷикистон қарор дорад ва “.... барои ислоҳи вазъи ногувори муҳити зист ва пешгирӣ кардани харобшавии минбаъдаи он, дар навбати аввал, бо роҳи

чиддан кам кардани партови газҳои гулхонаӣ, ниҳолшинониву кабудизоркунӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои об, яъне ба хотири начоти табиат ва инсоният тадбирҳои бетаъхир ва муассир андешад”[4].

Муҳаққиқи фарҳангшиноси тоҷик Н.Нурзода чунин менигорад, ки мардуми форсу тоҷик бо таҷлили ҷашни Сада зуҳуру ҳузури Хуршедро ба арсаи зиндагии моддӣ ва маънавӣ истиқбол ва барои марҳилаи ҷадиди фасли зиндагӣ - бо гармо ва  Наврӯз расидан омодагӣ мегиранд. Ихтирооту кашфиёт ва ба кору фаъолияти созанда ҷалб шудани инсон ва ҷомеа  маҳаки ҷашни Садаро ташкил медиҳад. Ҳанӯз дар бистари асотири куҳан ба кори созанда даст задани тамоми табақоти иҷтимоӣ, аз шаҳриёр шуруъ карда, то ба инсонӣ одӣ ифода ёфтаанд ва кашфиёту ихтироот маҳсули фаъолиятҳои созандаи инсон аст. Бинобар ин, инсон дар тамоми фасли сол барои омода ва мутобиқ кардани худ ба фазою муҳити табиӣ тадорук ва тасмими зарурӣ мегирад ва маҷмӯаи тадорукоти худро дар қолаби барномаҳои ҷашну ойинҳои мардуми тарҳрезӣ ва пиёда менамояд,аз ҷониби дигар мардум бо такя ба имконоту тавонмандиҳои фикрӣ, фарҳангӣ, ахлоқӣ, ва ҷисмӣ-биологӣ худро дар баробари хатарҳои табиӣ  ва глобалӣ худкифо меҳисобад ва дар доираи ҷашну маросимот ҷиҳати рафъи камбуду мушкилоти иҷтимоӣ ва табиӣ саъю талош меварзад. Ҳадафи Сада ва маросими марбути он, ки вобаста ба шароити зистӣ, фарҳангӣ, фикрӣ ва табиӣ тағйир ёфтаанд, дар бунёди боғу корезҳо, шинонидани дарахтон, ободу зебо кардани маҳаллу кишвар ва биллохира ба ободкорию созандагӣ даъват кардани мардум зоҳир гардида, ба ин тартиб ҳамоҳангию ҳамбастагии иҷтимоӣ таъмин карда мешавад[5].

Дар асоси гуфтаҳои болозикргардида, метавон хулоса намуд, ки дар воқеъ ҷашни иди Сада бозгӯи ёдгори қадимӣ ва таърихии халқи тоҷик буда, аз тамаддуни қарнҳои бостонии халқи тоҷик дарак медиҳад. Имрӯз бо шарофати соҳибистиқлол гардидани кишвари маҳбубамон Тоҷикистони азиз эҳё намудани тамоми расму русуму ойинҳои аҷдодии мардуми тоҷик ба ҳукми анъана даромадааст. Ин далели он аст, ки миллати тоҷбарсару эҳёгари

тоҷик аз тамоми тохту тозҳои аҷнабиён дарси ибрат омӯхта, кушиш ба харҷ медиҳад, ки ба воситаи эҳё намудану дар сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ кардани ойинҳои хоси миллати тоҷик, аз ҷумлаи Наврӯз, Тиргон, Меҳргон, Сада ва ғ.ҳо бақои миллати тамаддунпарвари тоҷикро мустаҳкаму по бар ҷой намуда, ба насли имрӯзу фардо ба мерос гузорад. Зеро:

Зи Ҳушанг монд ин Сада ёдгор,
Басе бод чун ӯ дигар шаҳриёр.

## Сарчашма:


1.Абдухалилзода К. Илҳомбахши иқдомҳои нав. Манбаи электронӣ: https://www.mit.tj/article/. Санаи мурочиат: 9.01.2024с.

2.Давлиёрова С. Сада - ойини бостонии мардуми тамаддунпарвар. Рӯзномаи Баҳори Аҷам.№3-4(624), аз 24.01.2023.

3.Давлатов З. Сада - мероси ғайримоддии башарият. Он садоқат ба Ватан, дӯст доштани табиат ва заҳмат ба хотири баракату фаровониро таблиғ менамояд. Манбаи электронӣ:https://khovar.tj/2023/12/. Санаи мурочиат: 05.01.2024

4.Насриддинзода Э.Паём - таҳкимбахши рушди ҷомеа. Рушди соҳаҳои иқтиомӣ дар меҳвари Паёми Президенти Тоқикистон қарор дорад. Манбаи электронӣ: https://mit.tj/article. Санаи мурочиат: 09.01.2024с.

5.Нурзода Н. Сада-ойини ҳамбастагӣ (ба муносибати ҷашни Сада). Манбаи электронӣ:https://ravshanfikr.tj. Санаи мурочиат: 08.01.2024с.

6.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”, 28.12.2023.

7.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”, 21.12.2021.

8.Сайидзода З.Ш. Суханҳои ҳикматомӯзи Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Эмомалӣ Раҳмон.- Душанбе, ҶДММ “Контраст”, 2017, 464 саҳ.

9. “Ҷашни Сада” ба Феҳристи мероси ғайримоддии башарият ворид карда шуд. Манбаи электронӣ:https://mfa.tj/tg/main/view/13961/. Санаи муроҷиат: 08.01.2024.

**Давлиёрова Сафаргул Тешаевна**

номзади илмҳои фалсафа, дотсент, ходими пешбари илмии шуъбаи ИттиҳодиДавлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои  Тоҷикистон. Суроға:734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33. Тел.:985294097, E-mail: **dsafargul@mail.ru**

## Ҷашни Сада бозгӯи ёдгори қадимӣ ва таърихии халқи тоҷик

Эҳёи ҷашни Сада ва дар сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ намудани ойинҳои бостони халқи тоҷик аз қабили Наврӯз, Тиргон, Меҳргон ва Сада дар таҳкими худшиносию худогоҳии миллии халқи тоҷик, арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ, тарбияи наврасону ҷавонон дар руҳияи меҳру садоқат ба сарзамини аҷдодӣ, ватан, модар заминаи устувор мегузорад. Бо ифтихору сарбаланди метавон зикр намуд, ки «Ҷашни Сада» ба Феҳристи мероси ғайримоддии башарият ворид гардид.

Дар воқеъ эҳёю баргузории ҷашни Сада дар сатҳи байналмилалӣ бозгӯи ёдгори қадимӣ ва таърихии халқи тоҷик маҳсуб меёбад. Ин бори дигар шаҳодати он аст, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол ба қатори кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ворид гардида, ҷой ва мавқеи муносиби худро пайдо намуда, дар барқарориву устувории сулҳу амнияти байналмилалӣ саҳми босазою арзанда мегузорад.

**Калидвожа:** эҳёи ҷашни Сада, таърихи бостонӣ, ҳифзи мероси қадимӣ, худогоҳии таърихӣ, арзиши миллӣ, расму ойинҳои бостонӣ, худшиносии миллӣ, ифтихори миллӣ.

**Давлиёрова  Сафаргул Тешаевна**
кандидат философских наук, доцент, ведущий научный сотрудник Отдела Стран Независимых Государств Института изучения проблем стран Азии и Европы национальной академии наук Республики Таджикистан. Адрес:734025, г.Душанбе, проспект Рудаки33, тел.: 985294097,E-mail: **dsafargul@mail.ru**

## Праздник Сада - это пересказ древних и исторических памятников таджикского народа

Возрождение праздника Сада и международная презентация древних обрядов таджикского народа, таких как Навруз, Тиргон, Мехргон и Сада, являются основой укрепления самоидентичности и национального самосознания таджикского народа, воздания дани национальной святости, воспитания подростков и  молодежи в духе любви и верности к земле предков, Родине, матери. Можно с гордостью отметить, что «Ҷашни Сада» внесена в Реестр нематериального наследия человечества.

Безусловно, возрождение и проведение праздника Сада на международном уровне считается древним и историческим памятником культурыдалекого прошлого таджикского народа. Это еще раз свидетельствуето том, что независимый Таджикистан вошел в ряды стран международного сообщества, нашел свое достойное место и положение, вносит ценный вклад в восстановление и стабильность международного мира и безопасности в целом.

**Ключевые слова:** возрождение праздника Сада, древняя история, сохранение древнего наследия, историческое искусство, национальная ценность, древние обряды, национальное самосознание, национальная гордость.

**Davliorova Safargul Teshaevna**

candidate of Philosophical Sciences, leading researcher at the Department of the Countries of Independent States of the Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan. Adress: 33 Rudaki Avenue, Dushanbe,Tajikistan. 734025. Tel. + (992) 98294097. E-mail: **dsafargul@mail.ru**

## The Sada Festival is a retelling of the ancient and historical monuments of the Tajik people

The revival of the Sada holiday and the international presentation of the ancient rituals of the Tajik people, such as Navruz, Tirgon, Mehrgon and Sada, are the basis for strengthening the self-identity and national consciousness of the Tajik people, paying tribute to national holiness, educating adolescents and youth in the spirit of love and loyalty to the land of their ancestors, the Motherland , mothers.We can proudly note that “Jashni Sada” is included in the Register of the Intangible Heritage of Humanity. The revival and holding of the Sada festival at the international level is considered an ancient and historical monument of the distant past of the Tajik people.

This once again indicates that independent Tajikistan has entered the ranks of the countries of the international community, has found its worthy place and position, and is making a valuable contribution to the restoration and stability of international peace and security in general.

**Key words:** revival of the Sada festival, ancient history, preservation of ancient heritage, historical art, national value, ancient rituals, national identity, national pride.